Муаллиф: Administrator
12.12.2023 14:02 -

**ДУШАНБЕ, 12.12.2023 /АМИТ «Ховар»/.** *12 декабри соли 2023 дар шахри Бодканди Чумхурии Киргизистон мулокоти хамраисони хайатхои хукуматии Чумхурии Точикистон ва Чумхурии Киргизистон оид ба муайянкунӣ ва аломатгузории сархади давлатии Точикистон ва Киргизистон Саймумин Ятимов ва Камчибек Ташиев баргузор гардид. Дар ин хусус ба АМИТ «Ховар» дар Кумитаи давлатии амнияти миллии Чумхурии Точикистон иттилоъ доданд.*

Зимни мулокот рохбарон натичахои фаъолияти гурӯххои кории топографӣ ва хукукии хайатхои хукуматии Чумхурии Точикистон ва Чумхурии Киргизистонро оид ба муайянкунӣ ва аломатгузории сархади давлатии Точикистон ва Киргизистон дар соли 2023 баррасӣ намуда, доир ба пурзӯр намудани корхо оид ба анчом додани таъйини хати гузаргохи лоихавии сархади давлатии Точикистон ва Киргизистон дар китъахои бокимонда супоришхои мушаххас доданд.

Мулокот дар фазои дӯстона ва хусни тафохум баргузор гардид.